# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 23 декабри соли 2023, таҳти №39.

Бораи сазовор донистани Камолов Хуршедулло Субҳонқулович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқуловичро дар мавзуи «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 14.10.2023 сол, суратмаҷлиси №35 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Камолов Хуршедулло Субҳонқулович 27-уми марти соли 1997 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2014 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2019 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси байналхалқӣ хатм намудааст.

Аз соли 2019 то ба ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз 20-уми январи соли 2022 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Сафарзода Анвар Ислом** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон;

**Сафарзода Ҳаёт Сайдамир** – н.и.ҳ., дотсент, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар дотсенти кафедраи ҳуқуқи факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миралиев С.А. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Нодиров Ф.М. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сафаров И.Д. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. санаи 05.12.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 11 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Камолов, Х.С. Таносуби ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2022. – №7. – С. 259-266; ISSN 2413-5151.
2. Камолов, Х.С. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар меъёрҳои Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амали қонуни ҷиноятӣ дар макон [Матн] / Х.С. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2022. – №9. – С. 261-267; ISSN 2413-5151.
3. Камолов, Х.С. Институти масуниятҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба амали қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар макон [Матн] / Х.С. Камолов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №3 (27). – С. 281-293; ISSN 2414 9217.
4. Камолов, Х.С. Мавқеи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.С. Камолов // Қонунгузорӣ. – 2022. – №3 (47). – С. 142-150; ISSN 2410-2903.

5. Камолов, Х.С. Мавқеи принсипи қонуният дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №4 (28). – С. 218-225; ISSN 2414 9217.

6. Камолов, Х.С. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи баййналмилалӣ дар принсипҳои қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон [Матн] / Х.С. Камолов // Маҷаллаи «Академии Ҳуқуқ». – 2022. – №4 (44). – С. 206-213; ISSN 2305-0535.

7. Камолов, Х.С. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифа ва принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/1 (58). – С. 333-344; ISSN 2664-0651.

8. Камолов, Х.С. Мавқеъ ва аҳамияти принсипи ҷавобгарии фардӣ дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ [Матн] / А.И. Сафарзода, Х.С. Камолов // Маҷаллаи «Академии Ҳуқуқ». – 2022. – №4 (44). – С. 181-184; ISSN 2305-0535.

9. Камолов, Х.С. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба танзими ҳуқуқии институти истирдод [Матн] / Х.С. Камолов // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (59). – С. 264-272; ISSN 2664-0651.

10. Камолов, Х.С. Мафҳум ва моҳияти юрисдиксия дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2023. – №2. – С. 245-249; ISSN 2413-5151.

11. Kamolov, Kh.S., Safarzoda, A.I. General provisions on the concept of implementation [Text] / A.I. Safarzoda, Kh.S. Kamolov // Legislation. – 2023. – №3 (51). – P. 202-208; ISSN 2410-2903.

12. Камолов, Х.С. Ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва ҳамбастагии он бо низоми ҳуқуқи миллӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – №2. – С. 196-204.

13. Камолов, Х.С. Мавқеъ ва аҳамияти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дар меъёрҳои Қисми умумии КҶ ҶТ [Матн] / Х.С. Камолов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз». – Душанбе, 2022. – С. 284-294.

14. Камолов, Х.С. Ҷавобгарии фардӣ – принсипи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: Анализ тенденций и перспектив развития» (28 октябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 264-267.

15. Камолов, Х.С. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифаҳои қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон [Матн] / Х.С. Камолов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалиявӣ дар мавзуи «Хониши Ломоносови 13» бахшида ба 115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров (28-29 апрели 2023). Қисми 2. Илмҳои гуманитарӣ (ҳуқуқ, иқтисодиёт). – Душанбе, 2023. – С. 87-94.

16. Камолов, Х.С. Таҳлили мафҳум ва намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳои байналмилалӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба «75 солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «Соли 2023 – Соли забони русӣ» ва «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо». – Душанбе, 2023. – С. 216-220.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Сангинзода Д.Ш.** – муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Абдуллозода Ҷ.А.** – Раиси суди н. Ёвони вилояти Хатлон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Тағозода А.С.** – Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, категорияҳои ҳуқуқӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, таҳлилу баррасии мушаххаси мазмуну моҳияти бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дар қисмати фишурдаи таҳқиқот, дар автореферати диссертатсияро фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– муқаррароти қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҷиҳати муайян кардани мавқеи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии ҶТ мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

– аҳаммияти меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ барои инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ муайян карда шудааст;

– асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатии ҶТ таҳлил ва баррасӣ гардида, муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада мумкин аст ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва таҳияи

қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ба таври васеъ истифода карда шаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии ҶТ ҳамчун асос истифода бурда шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди: мантиқӣ-расмӣ, сохторӣ-низомӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-дедуктивӣ ва ғ.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба монанди У.А. Азиззода, Н.Б. Азимзода, А.Я. Бастрикин, В.А. Батиря, С.Э. Баҳриддинзода, П.Н. Бирюков, А.П. Бичковский, А.Б. Венгеров, В.Г. Даев, Н.Д. Дурманов, Л.В. Иногамова-Хегай, В.А. Канашевский, А.Р. Каюмова, В.Л. Коняхин, Д.Б. Левин, Ҷ.З. Маҷидзода, Ф.А. Мирзоахмедов, А.В. Наумов, А.К. Рарога, Д.А. Рубанов, Ш.Н. Саидзода, К.К. Сандровский, А.И. Сафарзода, Б.А. Толстик, Ф.Т. Тоҳиров, Н.А. Ушаков, А.И. Чучаев, Т.Ш. Шарипов ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Гузашта аз ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масоили татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ёрӣ расонад. Хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад дар раванди тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии ҶТ ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо истифода бурда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии

қонунгузории миллӣ бо қонунгузории қишварҳои хориҷӣ оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи мазкур асос меёбад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 23-уми декабри соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктoрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил – нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**23-уми декабри соли 2023**